УДК 332.1
ББК 65.04.

**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАЗАРИЯҲОИ КЛАСТЕРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ИЛМӢ ВА АМАЛӢ**

***Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна*** *- докторанти соли 2-юми кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ "ДДХ ба номи ак. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд), e-mail:* ziyaeva.1997@gmail.com

**ПОНЯТИЯ, СУЩНОСТЬ И КЛАСТЕРНЫЕ ТЕОРИИ В ЭКОНОМИЧЕСКОЙ НАУКИ И ПРАКТИКИ**

***Зияева Шахнозахон Зарифджановна*** *- докторант 2-го курса кафедры управления экономикой и маркетинга ГОУ «ХГУ имени ак. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд), e-mail:* ziyaeva.1997@gmail.com

**CONCEPT, ESSENCE AND CLUSTER THEORIES IN SCIEENTIFIC AND APPLLIED ECONOMICS**

***Ziyoeva Shahnozahon Zarifjonovna*** *- 2-nd year Doctoral Student, Department of Economic Management and Marketing State Education Institution «KhSU named after academician B. Gafurov» (Tajkistan, Khujand), e-mail:* ziyaeva.1997@gmail.com

***Вожаҳои калидӣ:*** *кластер, истеҳсолоти саноатӣ, назарияи кластерҳо, рушди иқтисодии инноватсионӣ, консепсияи кластерӣ, сиёсати кластерӣ, кластерҳои ҳудудию саноатӣ.*

*Дар солҳои охир таҷрибаи ҷаҳонӣ дар бораи ташаккул ва фаъолияти кластерҳои саноатӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа мисолҳои зиёде овард. Аммо кластерҳо на танҳо механизми рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо, балки онҳо барои рушди соҳибкории хурду миёна шароити хубро фароҳам меоваранд. Илова бар ин, кластерҳо воситаи муассири ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳоро пешниҳод мекунад, ки дар афзоиши шуғли самаранок, афзоиши даромади буҷет, баланд бардоштани рақобатпазирии системаҳои истеҳсолии минтақавӣ ва ғайра зоҳир мегардад.*

***Ключевые слова:*** *кластер, индустриальное производство, теория кластера, инновационное экономическое развитие, кластерная политика, регионально-промышленные кластеры.*

*Последние годы мировой опыт даёт много примеров образования и функционирования отраслевых кластеров в разных сегментах региональной экономики. Однако кластеры – это не только механизм экономического роста в регионах. Они создают отличную среду для развития малого и среднего предпринимательства. Кроме того, кластер предлагает эффективные инструменты для стимулирования регионального развития, которое проявляется в увеличении продуктивной занятости, росте бюджетных доходов, повышении конкурентоспособности региональных производственных систем и др.*

***Key-words:*** *cluster, industrial production, cluster theory, cluster policy, regional-industrial clusters.*

*In recent years, world experience has provided many examples of the formation and functioning of industry clusters in different segments of the regional economy. However, clusters are not only a mechanism for economic growth in the regions. They create an excellent environment for the development of small and medium-sized business. In addition, the cluster offers effective tools for stimulating regional development, which is manifested in an increase in productive employment, an increase in budget revenues, an increase in the competitiveness of regional production systems, etc.*

Дар замони ҳозира равиши кластерҳо дар интихоби инструментҳои иқтисодии тараққиёти минтақа рушд ёфтааст. Чӣ хеле, ки маълум аст, дар солҳои охир, дар иқтисодиёти кишварамон масъалаи ташкил ва рушди кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа, бешубҳа, мавзӯи муҳим ва амалӣ барои тадқиқоти олимони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷа шуда истодааст.[1, с. 36]

Тадқиқоти гуногун нишон додаанд, ки рушди кластерҳои минтақа ин сарчашмаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ, баландравии рақобатпазирии маҳсулоти тайёри

корхонаҳое, ки ба он кластер дохил мебошанд, инчунин баландравии сатҳ ва сифати ҳаёти минтақа аз ҳисоби пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ, зиёдшавии воридоти андоз дар мустаҳкамкунии буҷети минтақа мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 нисбат ба ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудию саноатӣ/кластерҳо (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, маркази навовариҳо) ва рушди долонҳои иқтисодӣ диққати махсус дода шудааст. Зеро, кушодани кластерҳои минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин роҳи мушкил ва раванди дурудароз мебошад, аммо ин роҳи дуруст ва боэътимод дар рушди истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоб меравад. [2, с. 43]

Бояд гуфт, ки кластерҳо унсурҳои таркибии системаҳои иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравандд. Мафҳуми «кластер»-ро нисбат ба соҳаҳо ва ширкатҳо соли 1990 иқтисодшинос-соҳибкори амрикоӣ М.Портер дар доираи консепсияи худ оиди афзалиятҳои рақобатии ромбҳои миллӣ, ки дар байни ҳамаи тадқиқоти миллӣ ва рақобатпазирии минтақавӣ машҳур аст, ба муомилоти илмӣ ворид карда буд.

Истилоҳи «кластер» (ки онро аз забони англисӣ ҳамчун (1) хӯша, даста; (2) ҷамъоварӣ, муттамарказшавӣ; (3) гурӯҳ тарҷума кардан мумкин аст), маънои муқарраршуда дошт ва пеш аз иқтисод дар аксари илмҳои табиатшиносӣ бомуваффақият истифода мешуд. Эҳтимол бори аввал истилоҳи «кластер» дар соҳаи математика, ҳангоме ки дар охири солҳои 1930 дастгоҳи таҳлили кластерии маълумотҳои бисёрченака таҳия карда шуд, ба муомилоти илмӣ ворид шудааст. Дар химияи ғайриорганикӣ кластерҳо як синфи пайвастагиҳои химиявиро ифода мекунанд, ки шумораи гуногуни атомҳои металлҳои гузаранда доранд. Физикаи кластерӣ яке аз соҳаҳои динамикии илми физикаи муосир мебошад. Кластерҳои ҳисоббарории як навъи компютерхо, ки бо системаи диспетчерӣ пайваст карда шудаанд, дар таълим ва тадкикоти илмй барои халли масъалахои мехнатталаби хисоббарор фаъолона истифода бурда мешаванд. Бояд таъкид кард, ки истилоҳи «кластер»-ро географҳои иқтисодии шӯравӣ ва рус А.П. Горкин ва Л.В. Смирнягин ва иктисодчиёни тиҷоратии шведӣ - К Фредрикссон ва Л Линдмарк дар таъиноти кластерии корхонаҳо дар фазо солхои 70-ум истифода бурдаанд. Хамин тариқ, Портер аввалин шахсе нест, ки ин истилохро истифода бурдааст, вале инкор ҳам намекард, баръакс, ки ба асархои чунин иктисодчиёни намоён, ки равандҳои консентратсияи истехсолотро дар солхои 1890—1950 ба монанди А.Маршалл, А. Лёш, В Исард ва дигар тадқиқотчиён таҳқиқ мекарданд, такя меовард.

Намудҳо ва таърифҳои кластерҳо зиёданд, онҳоро аз рӯи миқёс ва самт фарқ мекунанд, аммо дар маҷмӯъ моҳияти кластерҳо як аст: кластерҳо ин гурӯҳҳои мутаммарказонидшуда, аз рӯи аломатҳои географии робитаи мутақобила доштани корхонаҳо, таъминкунандаи махсусгаронидашуда, таъминкунандаи хизматҳо, ташкилотҳои ба соҳаҳо мувофиқ ва инчунин бо фаъолияти корхона вобастабуда (масалан, донишгоҳҳо, ширкатҳои стандартикунонӣ, ташкилотҳои савдогӣ) дар минтақаҳои муайяне, ки фаъолиятро пеш мебаранд, ба ҳисоб меравад. Одатан кластерҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар асоси афзоиши истеҳсолоте, ки ба он корхонаҳо ва фаъолсозии амалҳои инноватсионӣ дохил мешаванд, ташаккул карда мешавад. Иқтисодчии амрикоӣ М.Энрайт ҷанбаҳои ҳудудӣ, географии кластерикунониро махсус таъкид намудааст ва мафҳуми “кластери минтақавӣ” – ро ба адабиёти иқтисодиёт даровардааст. Ҳамин муҳаққиқ гипотезаи “кластер - ин сарчашмаи рақобатпазирии манфиатҳои минтақа” –ро пешниҳод кардааст.[3, с. 43]

Дар ҷавали зерин фикрҳои якчанд олимони машҳури хориҷӣ ва ватанӣ оиди моҳияти кластерҳо оварда шудааст.

*Ҷадвали 1. Ақидаи олимони машҳур оиди кластерҳои иқтисодӣ*

| *Муаллифон* | *Сарчашма* | *Моҳияти кластер* |
|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* |
| Бреннер Т. | Industrial Districts: A Typology from an Evolutionary Perspective // Paper for DRUID's Summer 2000 Conference. Rebild, Denmark, 2000. URL: http://www.druid.dk/uploads/ tx_picturedb/ds2000-91.pdf | Кластер – ҳамчун як натиҷаи равандҳои эволютсонӣ, ки дар ягон маҳалли муайян, дар вақт ва шароити мушаххас бо қувваи пешбаранда ташкил карда шудааст ва он ба падидае оварда мерасонад, ки дар адабиёт ҳамчун кластер, минтақаи саноатӣ ва инноватсионӣ ё ва ғайраҳоро меноманд. |
| Андерсон Т. | The Cluster Policies Whitebook. Malmö, Sweden, 2004. 250 p. URL: http://www.hse.ru/data/2012/08/08/12 56387033/ The_Cluster_ Policies_Whitebook_-_IKED.pdf | Кластерҳо ҳамчун воситаи муҳими мусоидат ва рушди саноат, инноватсия, рақобатпазирӣ ва рушд эътироф шудаанд. Кластерҳо пеш аз ҳама бо кӯшишҳои ширкатҳои хусусӣ ва шахсони алоҳида асос меёбанд. |
| Якобс Ҷ. | Clusters industrial policy and firms strategy / D. Ja-cobs. A. DeMan // A many approach technology analy-sis and strategies manage-ment. 1996. - № 8(4). - pp. 425-437. | Кластер ҳамчун ассотсиатсияи ҷуғрофӣ ё фазогии фаъолияти иқтисодӣ, робитаҳои уфуқӣ ва амудии байни соҳаҳо, истифодаи технологияҳои умумӣ, мавҷудияти иштирокчии асосӣ, инчунин сифати шабакаҳои ширкатҳо ё ҳамкории онҳо ба ҳисоб меравад. |
| Мигранян А. А | Теоретические аспекты формирования конкурентоспособных кластеров в странах с переходной эко-номикой / Вестник КРСУ. – 2002. - № 3 – С-3. | Кластер ин маҷмӯи гурӯҳҳои бо ҳам алоқаманди рақобатпазирии муваффақи ташкилотҳо мебошад, ки ҳамчун муттамарказкунии якчанд намудҳои фаъолияти самарадиҳанда ва алоқамандро бо мақсади таъминкунии мавқеи рақобатпазирӣ дар бозорҳои соҳавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ифода мекунад |
| Руднева П.С | Опыт создания структурных кластеров в развитых странах / П. С. И Экономика региона. – 2007. -№ 18 | Кластер ин гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳам алоқаманд, таъминкунандагони таҷҳизот, ҷузъҳо хизматрасонии махсус, инфрасохтор, пажӯишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад, ки ҳамдигарро пурра мекунанд ва бартарии рақобатпазирии ширкатҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ кластерро пеш мебаранд |
| Х.З.Ходжаев | Преимущество внедрения и использования кластерного подхода в экономике Республики Таджикистан / Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2012 | Кластер ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ буда, на танҳо характери универсалӣ, балки характери интегратсионӣ низ дорад. Ҳалли ҳамачонибаи мушкилоти иқтисодии равиши кластерӣ стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоиёт, сиёсати саноатӣ. ки ба ба вуҷуд овардани рақобатпаирии комплексӣ – саноатӣ овара мерасонад, гузаштан ба модели рушди иқтисодии инноватсионӣ, рушди муҳити рақобатпазирро талаб мекунад. |
| Бегов Д. М | Эффективность формирования регионального хлопково-текстильного кластера (на материалах Согдийской области). Душанбе – 2020 | Аз ҷиҳати ҳудудӣ (ҷуғрофӣ) ҳамсоя, ба ҳам пайваст субъектҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои марбутае, ки дар як минтақаи муайян, аломатҳои муҳими иқтисодиро ифода мекунанд,. кластер меноманд. |

| | | |
|---|---|---|
| Азизов Ш. Абдувалиева М. | Кластер образования в реионально экономики. /Журнал “Экономика Таджикистана” - Душанбе 2020. – 187с. – С.167 | Кластерҳо як қисми чаҳорчӯбаи васеи рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравaнд. Шукуфоии ширкатҳо ва корхонаҳо барои ноил шудан ба дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат аз вазъияти умумии иқтисодии кластерҳо вобаста аст. Кластерҳо ҳамчун қисми ҳамин муҳити тиҷоратӣ буда, ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки онҳо барои ноил шудан ба ҳосилнокии баланди иқтисодӣ аз сифати муҳити тиҷоратӣ истифода баранд. |

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф*

Таҳлили манбаи адабиётҳои гуногун нишон дод, ки ғояҳои консептуалии маҳалликунонии махсуси саноат дар аввали асрҳои XX дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти географӣ пайдо шуда буд. Таъсири худро ба назарияҳои пайдоиш ва тараққиёти кластерҳо назарияҳои рушди минтақаи ( Й.Тюнен, В.Лаунхарт, А.Вебер, А.Леш), назарияи махсусгардонии минтақа (А. Смит, Д. Риккардо, Э. Хекшер, Б. Олин, П.Самуэльсон), консепсияи полисентризм (минтақаҳои геополитикӣ) ва тавозуни қувваҳои геостратегӣ (С.Коен), назарияи У. Изарда ва назарияҳои ватании минтақабандӣ (минтақакунонӣ), ки онро мактабҳои советии георафии назди донишгоҳи Н.Н. Баранский, Н.Н. Колоссовский, Г.М. Крижановский, В.С.Немчинова ва ғайраҳо коркард кардаанд, мерасонад. [5,6]

Ин назарияҳо агломератсияи секторҳои гуногуни иқтисодиётро дар соҳаҳои муайян, муносибати байни агломератсияи географӣ ва сарфаи миқёс, махсусгардонии муҳитро мефаҳмонад. Онҳо ба сифати омили асосии ташаккули кластерҳо самараҳои берунаро ки бо миқёси истеҳсолот вобаста аст, муайян мекунанд. Назарияи А.Вебер инро мефаҳмнад, ки тадқиқоти консептуалии бо ҳам алоқаманди рушди корхонаҳо ва истеҳсолотро, ки дар муҳити муайян якдигарро пурра менамоянд. Бо ташаббуси ин иқтисодчӣ ва ҷомеашиноси олмонӣ омилҳои агломеративии ҷобаҷогузории истеҳсолот ошкор шуаанд. Зинаи баланди аломератсия онро қайд мекард, ки “наздикшавии фазои истеҳсолоти чизҳои якхела ( онҳоро дар як звенои истеҳсолот муттаҳид накарда)”, имконият медиҳад, ки бо роҳи муттаҳид намудани корхонаҳо фоидаро зиёд мекунанд.[7, с.39]

Сабзиши ояндавии назарияи кластерҳо аз минтақашиносии иқтисодӣ дар корҳои А.Лёш ва У.Изарда дида мешаванд. Дар назарияи неоклассикии А. Лёш назарияҳои муаммоҳои ҷойгиркунии хоҷагиҳо омӯхта шудаанд. Комёбии ӯ ин дида баромадани иқтисодиёт на дар сатҳи корхонаҳои алоҳида, балки дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ мебошад. А.Лёш бештар сабабҳои ба вуҷуд омадани шаҳрҳоро дар асоси корхонаҳои калон (аз ҳисоби сарфаи дохилӣ дар миқёси истеҳсолот), ҷамъшавии корхонаҳои якхела ( ки аналоги кластерҳои ҳозира ба ҳисоб меравад), агломератсияи корхонаҳои гуногун (аналоги минтақаҳои муосири саноатии намуди гуногундошта) –ро меомӯхт.[8, с.73] Бо ин гуфтан мумкин аст, ки ӯ фазои иқтисодии минтақаро ҳамчун як бозоре, ки дорои сарҳад ва рақобати байниминтақавӣ аст, ҳисоб менамуд. У. Изард тадқиқоти худро ба ҳалли муаммоҳои ҷобаҷогузории комплексҳои саноатӣ бо роҳи пешгирӣ кардани ихтилофҳои минтақавӣ дар асоси ба ҳам мувофиқ кардани манфиатҳои мавҷуда бахшидааст. Тадқиқотҳои А.Лёш ва У.Изард имконият додаанд, ки муҳимияти ташаккули кластерҳо фаҳмида шаванд ва онҳо баъдан дар асоси консепсияҳои кластерии М.Портер ва М.Энрайт такя кардаанд. Ҳамаи ин назарияҳо барои осон намудани муносибати соҳавӣ дар системаи идоракунии хоҷагии халқ пайдо шудаанд ва асоси рушди назарияи кластерҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Чӣ хеле ки дар боло гуфта шудааст, назарияҳои кластерӣ дар охирҳои чоряки асри XX пайдо шудааст ва ин бо тадқиқотҳои М.Портер вобаста аст. Дар он кластер ҳамчун як омили асосии рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳангоми омӯзиши аломатҳо ва меъёрҳои рақобатпазирии субъектони иқтисодии зиёда аз 100 соҳаҳои давлатҳои гуногун, М.Портер ва пайравони ӯ ба фаҳмиш омаданд, ки дар иқтисодиёт пайдошавии якчанд ҳудудҳо ва ё ҳатто як ташкилоте, ки дорои нишондиҳандаҳои баланди бартарии рақобатнокӣ ҳастанд, дар шароитҳои муайяни беруна, ба афзоиши афзалиятҳои рақобатии ширкатҳои таъминкунанда ва ширкатҳои истеъмолкунанда мусоидат мекунад. [9, с.11]

Дар китоби худ “Афзалиятҳои рақобатнокии давлатҳо” (соли 1990) М Портер падидаи кластерҳо ошкор намуд, назарияи рақобатпазирии миллӣ, давлатӣ ва маҳаллиро дар шароити иқтисодёти ҷаҳонӣ пешниҳод карда, заминаҳои таърихӣ ва зеҳнии назарияҳои кластерҳоро асоснок кард. Ӯ қайд намуд,

ки кластерҳо хусусияти хоси қариб ҳамаи иқтисодиёти миллӣ, минтақавӣ ва ҳатто метрополитенӣ доранд. [4, с.75]

Ҳангоми ба низом дароварани ҳамаи ин тадқиқотҳо, гуфтан мумкин аст, ки дар раванди рушди назарияи кластерӣ чунин намуди ҳалли муаммоҳо истифода бурда мешаванд: дар таҳлили рақобатпазирии саноатии давлат ва минтақаҳо; ба сифати асоси сиёсати саноатӣ; ба сифати фаъолияти ҳавасмандгардонии навоварӣ; ҳамчун асос барои нигоҳ доштан ва омӯхтани муносибатҳои байни тиҷоратҳои калон ва хурд. Ин имконият дода исбот кард, ки мантиқи соҳавии рушди минтақаҳо кӯҳна шудааст ва дар марҳилаи муосир кластерҳо шакли инноватсионии системаҳои захиравии навсозии иқтисодиёти ҳудудӣ ва омили рақобатпазирии устувори он ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили овардашуда, оиди мафҳуми “кластер”, аз манбаъҳои гуногун, нишон медиҳад, ки ҳар як муаллифон ба хусусиятҳои хеле гуногуни кластерҳо диққати худро ҷалб кардаанд. Агар як гурӯҳи мутахассисон ба хусусияти хоси кластер диққати махсус диҳанд, ки онро на ягон корхона, балки корхонаҳое ташкил медиҳанд, ки дар навбати аввал бо ҳамдигар алоқа доранд, дар навбати дуюм бошад, ба ҳамдигар наздик ҷойгир бошанд, дигар гурӯҳи тадқиқотчиён бошанд, одатан, хусусиятҳои соҳаи консентратсияи истеҳсолотро омӯхта, ба омили масофаи георафии байни корхонаҳо чандон аҳамият намедиҳанд.

Дараҷаи рушд ва аҳамияти манбаъҳои афзалиятҳои рақобатӣ марҳилаҳои рушди рақобат ва моделҳои рушди иқтисодии давлатҳо, минтақаҳо ва корхонаҳоро муайян мекунанд. Корхонаҳои саноатӣ заминаи истеъмол ва афзун гардонидани сарвати миллиро ташкил мекунанд, ки дар натиҷа, дар иқтисодиёти бозорӣ маънои калонро маҳз рақобатпазирии онҳо нақш мебозад.[10]

Умуман, се таърифҳои васеи кластерҳоро фарқ мекунанд, ки ҳар яке аз онҳо хусусияти асосии фаъолияти онҳоро таъкид мекунанд:

- шаклҳои аз ҷиҳати минтақавии маҳдуди фаъолияти иқтисодӣ дар доираи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, ки одатан ба ин ё он муассисаи илмӣ вобаста аст ( институтҳои тадқиқоти илмӣ, донишгоҳҳо ва ғайра);
- соҳаҳои саноат, ки дар сатҳи баланди агрегатсия муайяншуда ( масалан, “кластери кимиёвӣ”) ва ё маҷмӯи соҳаҳо дар дараҷаи боз ҳам баландтари агрегатсия (масалан, кластерҳои аросаноатӣ).[11]

Дар ҳамин ҳол, баъзе муаллифон дар шароити муосир қайд мекунанд, ки мақомотҳои идоравии минтақавӣ, миллӣ ва дар баъзе мавридҳо мақомотҳои боломиллӣ низ дар бунёд ва рушди кластерҳо, аз ҷумла, худи онҳо ки кластерҳоро ташкил мекунанд, нақши муҳимро мебозанд. Аммо баъзе муаллифоне ҳастанд, ки таваҷҷӯҳи худро ба қувваҳои бозории раванди кластерикунонӣ мекунанд, ки он ҳангоми худи корхонаҳои хусусӣ ва ташкилотҳо дар давоми ягон вақт, тадриҷан, муносибати байни худро мустаҳкам мекунанд ва он на танҳо дар асоси ҳамкорӣ балки дар рақобатпазирӣ низ дида мешавад. Дар баробари ин нақши ягон мақомотҳои давлатӣ дар ташаккули кластерҳо. дар ҳолати беҳтарин, дида нашудааст, дар ҳолати бадтарин бошад – умуман рад карда мешавад. Бо вуҷуди ин, аксари мутахассисон барои ташаккули кластерҳо, муҳимӣ будани ҳам қувваҳои бозорӣ ва ҳам мақомотҳои давлатию ҳукуматро эътироф мекунанд. [12, с.192] Ниҳоят метавон боз як гурӯҳи дигари муаллифонро ҷудо намуд, ки ҳангоми муайян кардани кластерҳо бо усули хеле соддакардашуда амал мекунанд: онҳо асосан ба наздикии ҷуғрофии корхонаҳо ва ташкилотҳо ва ё мансубияти онҳо ба як ё якчанд соҳаҳои байни ҳам алоқаманд шавқ доранд. Дар ин ҳолат мавҷуд будан ё набудани муносибати наздики байни корхонаҳо ва ташкилотҳо ( ва ҳатто бо дигар суъектони иқтисодие, ки дар ҳамин минтақа ҷойгир ҳастанд, донишгоҳҳо, мақомотҳои идоракунии минтақавӣ ва ғайраҳо) берун аз диққати ин гурӯҳи тадқиқотчиён мондаанд. [9, с. 209-212].

Дар асоси гуфтаҳои боло, боварӣ дорем, ки консепсияи кластерӣ барои географияи иқтисодӣ – иҷтимоии муосири ватанӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро шудани тадқиқотҳои махсуси илмӣ-тадқиқотӣ ва татбиқшуда хеле умедбахш ба ҳисоб меравад. Кластерҳо ҳамчун механизми мутавозини сиёсати рушди минтақа ба ҳисоб мераванд, шароити мусоидро барои самаранокии ҳамкории субъектони минтақавӣ ва институтҳои илмӣ, давлат ва тиҷорат, таъсиси шаклҳои гуногуни шарикии давлатию хусусиро фароҳам меоваранд.

Ба шарофати раванди кластеризатсия дар минтақаҳо фаъолияти инноватсионӣ фаъол гардида, инфрасохтори инноватсионӣ ташаккул ва инкишоф мёебад, ки дар натиҷа боиси афзоиши истеҳсолоти саноатии потенсиали ҳудудӣ мегардад.

Ҳангоми таҳияи консепсияи кластер дар сатҳи минтақавӣ бояд дар назар дошт, ки минтақаҳо дар сатҳи рушди иқтисодӣ фарқ мекунанд ва аз ин рӯ, натиҷаҳои инноватсионии онҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Қобили зикр аст, ки ташкили кластер барои ҳар як иштирокчии модел самаранок аст: барои давлат, барои сохторҳои тиҷоратӣ ва албатта, барои намояндагони илм.

Аз нуқтаи назари иқтисодиёти институтсионалии муосир назарияи кластерро ҳамчун шакли гибридии муносибатҳои институтсионалӣ дидан мумкин аст. Моҳияти иқтисодии ин шакли мутақобила, ки дар консепсияи “спирали сегона” асос ёфтааст, имконият медиҳад, ки иштирокчиёни асосии кластерҳоро муайян кунад: тиҷорат, давлат ва илм.(расми 1)

Дар чорроҳаи доираҳо минтақаи эҳтимолии ташаккули кластерҳо ба вуҷуд меояд, ки самараи мутақобила ва фаъолияти доимии навоварнаро меофарад, ки дар навбати худ ба рушди пайвастаи истеҳсолот ва имкониятҳои рақобатпазирӣ оварда мерасонад.

Нақши давлат дар ин сегона дар сохтани шароитҳои чаҳорчӯбавӣ барои муҳити мусоиди тиҷорат, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, махсусан хурд, рушди устувори минтақавӣ мебошад.




*Расми 1.Спирали сегона, ҳамкории давлат,тиҷорат ва илм.*

Қайд мекунем, ки дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Аврупо сиёсати кластерӣ, дар аксарияти кулии мамлакатҳо, сиёсати худидоракунандаро надорад, барои он ки ягон санади онро идоракунанда вучуд нест. Ба ҷойи ин, он ҳамчун қисми асосии сиёсати инноватсионӣ, саноатӣ ва ё минтақавӣ амал менамояд. Тақрибан 70% давлатҳо сиёсати инноватсионии кластериро ва 25% и онҳо сиёсати минтақавии кластериро истифода мебаранд. Як қатор давлатҳо рушди кластериро тариқи барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна амалӣ менамояд. Дар куҷое, ки стратегияҳои миллии кластерӣ вучуд дорад, дар он ҷо мақомотҳои давлатӣ ба шароит ва раванди ташкилии кластерҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳо дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ барои самаранокии рушди кластерҳо аҳамияти хоса медиҳад.

Дар он ҷо давлат ҳамчун:

- танзимкунанда, муайянкунандаи қоидаҳои мутақобила байни ҳамаи элементҳои спирали сегона (давлат – тичорат – институтҳои илмӣ -омӯзишӣ);
- кафили нигоҳдорӣ ва рушди шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ, навоварӣ ва рушди ҷомеаҳои тиҷоратии шабакавии ба таври уфуқӣ нигаронидашуда;
- соҳибкор, яъне соҳиби корхонаҳо ва иштирокчии бевоситаи кластерҳои нави саноатӣ.

**Афзалиятҳои кластерҳо - барои сохторҳои тиҷоратӣ:**

• робитаҳои зич байни ширкатҳо;

• кам кардани харочот дар асоси сарфаи миқёс;

• фаъол намудани фаъолияти инноватсионӣ;

• таҳияи технологияҳои пешрафта тавассути робитаи зич бо таҳиякунандагони онҳо;

• кам кардани монеаҳо барои ворид шудан ба саноат;

• дастрасӣ ба технологияҳои нав, усулҳои корӣ ё имкониятҳои занҷири таъминот.

• дастрасӣ ба захираҳои гуногуни молиявӣ (масалан, манбаъҳои маблағгузории хавфҳо барои ширкатҳои технологияҳои навдошта, дар кластери технологияҳои иттилоотӣ);

• бунёди шабакаи муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ барои интиқоли иттилооти бозорӣ ва технологӣ, дониш ва таҷриба;

• ташкили системаи муайянкунии манфиатҳо ва хатарҳои дастаҷамъӣ, ташаккули диди умумӣ ва стратегияи самараноки рушди кластер;

• ташкили низоми муносибатҳои байни соҳибкорон ва ҳукумат;

• имкони кам кардани хатарҳои фаъолият тавассути паст кардани сатҳи даромаднокии корхонаҳои ба кластер дохилшуда;

• табодули пуршиддати иттилоот, захираҳои молиявӣ, кадрӣ, инноватсионӣ;
• вақти ҳадди ақал аз пайдоиши идея то татбиқи амалӣ;
• мусоидат ба раванди бастани шартномаҳо;
**- барои давлат**:
• муайян намудани мушкилоти иқтисодиёти минтақа;
• таҳкими таъсири мултипликаторӣ дар минтақа, ки аз таъсири мусбати кластер ба муҳити рақобати минтақа иборат аст;
• эҷоди механизмҳои самарабахши ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ;
• ҳамгироии тадриҷан ба низоми иқтисодии ҷаҳонии кишвар;
• ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақа;
• афзоиши шумораи ширкатҳо дар атрофи кластер, дар натиҷа - афзоиши шуғл, музди меҳнат, тарҳҳо ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун;
• ба вучуд омадани заминахои иктисодии гузаштан аз сиёсати баробар кардани тараккиёти ичтимоию иктисодии территорияхо ба сиёсати дастгирии минтакахо — «мобилхои тараккиёт»;
• сарфаи миқёс ва таъсири агломератсия, ки дар «локомотивҳо»-и афзоиш барои рушди дигар минтақаҳо такони эҷод мекунанд;
**- барои илм:**
• тавлиди донишҳои нав;
• идоракунии самараноки дониш;
• такмил додани кадрҳои марбут ба тадқиқоти илмӣ-таҳқиқотӣ;
• ҳавасмандгардонии рушди илми фундаменталӣ;
• маблағгузории тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ.

Аммо, сарфи назар аз бартариҳои ба назар намоён, сиёсати кластерӣ дар кишварҳои гуногун хусусиятҳои хоси худро дорад, ки на танҳо бо хусусиятҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодии рушди ҳудудҳо, балки аз ҷониби ташаббусе, ки аз ҷониби ӯ барои ташкили кластер муайян карда мешавад, зохир мегардад.[14, с. 62]

Ҳамин тавр, дар самти ташаккулдиҳии кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ ба чунин комёбиҳо ноил шудан мумкин аст:

- фароҳам овардани шароит барои дар минтақаҳои кишвар ташаккулдиҳии кластерҳои мухталифи энергетикӣ, саноатӣ, нақлиётию логистикӣ, озуқаворӣ ва таълимӣ, ки унсурҳои ҷудонопазири занҷирҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ ва минтақавии арзиши иловашуда ва омили баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ хоҳанд буд;

-рушди босуръати минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳудудҳои индустриализатсияи нав;

-рушди иқтидорӣ долонҳои иқтисодӣ, ки минтақаҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Хитой, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Россия, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо мепайвандад. [1 ,с.72]

Бояд қайд кард, ки кластер ҳамчун шакли прогрессивии ташкили истеҳсолот як намуди универсалии ташкили фаъолияти корхонаҳои ба ҳам алоқаманд, соҳаҳои алоҳида ё маҷмӯи соҳаҳо бо мақсади ташаккул додани нуктаҳо, қутбҳо ва камарҳои рушди иқтисодӣ мебошад. Дар баланд бардоштани ракобатпазирии махсулоти сохахои алохидаи иктисодиёт ва умуман иктисодиёти мамлакат чи дар махал ва чи дар сатхи чахонй зохир мегардад.

Қобили зикр аст, ки инчунин барои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ зарур аст. Дар робита ба ин, сиёсати универсалии минтақавӣ вуҷуд дошта наметавонад, ҳар як минтақа бояд маҷмӯи чораҳои махсуси худро оид ба дастгирии сохторҳои кластерӣ таҳия намояд.

## АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 с.110
2. Porter M. Location, Competition, and Economic Development: Local Clusters in a Global Economy. Economic Development Quarterly. 14 (1). P. 15–34. Regional Economy ПЕТЕРБУРГСКИЙ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ • № 2 • 2020 91с.
3. Enright M. J. Survey on the Characterization of Regional Clusters: Initial Results.WorkingPaper.URL:https://www.researchgate.net/publication/228599616_Survey_on_the_characterization_of_regional_clusters_initial_results с. 17
4. Горшенева О.В. Кластеры: сущность, виды, принципы организации и содания в регионах // Экон. Вестник Ростов. гос. ун-та. 2006 № 4. Ч.2. 13 с.

5. Яковенко Н.В. Стратегический мониторинг в системе комплексной программы социально-экономического развития муниципального образования: теоретические подходы // В мире научных открытий. Гуманитарные и общественные науки. № 4/16. Красноярск: Научно-инновационный центр, 2011. С. 262-267.
7. Яковенко Н.В., Поросенков Н.В. Теоретические подходы к исследованию депрессивных регионов России // Вестник Воронежского государственного университета. Сер. География. Геоэкология. 2013. № 2. С.10-21.
8. Быкова А.А. Проблематика формирования инновационных кластеров // Инновационная экономика. 2009. № 8. С.39-45.
9. Яковенко Н.В. Кластерный подход и его применение для концептуирования и стратегирования социально-экономического развития депрессивного региона // Научный поиск. 2011.№ 2. С. 72-74.
10. Портер М. Международная конкуренция. М.: Международные отношения, 1993. 378 с.
11. Егоров О.И. Зарубежный опыт региональной науки, региональной политики и территориального развития / О.И. Егоров, О.А. Чигаркина // Регион: экономика и социология. 2006. №1 с. 11
12. Цихан Т.В. Кластерная теория экономического развития // Теория и практика управления. 2003 № 5. 8 с.
1. 12 И.В. Комов, Н.В. Яковенко. «Кластер» как сложная организационно-экономическая система: Подходы к дефиниции понятия // Известия ТулГУ. Науки о Земле. 2016. Вып. 1.С.188-195
13. Ридевский Г.В. Территориальная организация Республики Беларусь: социально-экономическая модель перехода к устойчивому развитию: монография. Могилев: МГУ им. А.А. Кулешова, 2007. 525 с.
14. А.В. Погонин. Экономическое развитие региона с учетом кластерного подхода в контексте экономики города // Вестник Пермского университета 2012 Экономика. Вып. 4(15) С.57-63

LITERATURE

1. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the Republic for the period up to 2030. 110. p.
2. . Porter M. Location, Competition, and Economic Development: Local Clusters in a Global Economy. Economic Development Quarterly. 14 (1). P. 15–34. Regional, Economy Petersburg economic magazine• № 2 • 2020. 91p.
3. Enright M. J. Survey on the Characterization of Regional Clusters: Initial Results.WorkingPaper.URL:https://www.researchgate.net/publication/228599616_Survey_on_ the_characterization_of_regional_clusters_initial_results.17 p.
4. Gorsheneva O.V. Clusters: essence, types, principles of organization and creation in the regions // Economic Bulletin Rostov State University. 2006 № 4. P.2. 13p.
5. Yakovenko N.V. Strategic monitoring in the system of a comprehensive program of socio-economic development of the municipality theoretical approaches. Krasnoyarsk. Scientific innovation center , 2011. 262-267 p.
6. Yakovenko N.V. Porosenkov N.V. Theoretical approaches to the study of depressed regions of Russia. Bulletin Voronej State Universty 2013. № 2.10-21p.
7. Bikova A.A. Problems of formation of innovative clusters. Innovation economics. 2009. № 8.39-45p.
8. Yakovenko N.V Cluster application for designing and strategizing the socio-economic development of a depressed region. . 2011.№ 2. 72-74 p.
9. Porter M. International competition. International relationships. 1993. 378 p.
10. Egorov O.I. Foreign experience of regional science, regional policy and territorial development. 2006. №1 11 p.
11. Tsihan T.V. Cluster theory of economics. Theory and practice of management. 2003 № 5. 8 p.
12. Komov I.V., Yakovenko N.V., Cluster as a complex organization and economic system. Approaches to the definition of the concept. TulSU News. Part. 1.188-195p.
13. Ridevski G.V. Territorial organization of the Republic of Belarus. Socio-economic model of transition to sustainable development. Monograph. 2007. 525 p.
14. Pogonin A.V. Economic development of the region, taking into account the context of the city s economy/ Bulletin Perm University 2012 Economic. Part 4 (15). 57-63 p.